# ТАҚРИЗ

**ба автореферат ва диссертатсияи Ҳакимзода Файзали Исматулло дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси асари «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод мегардад.**

Мавзуи диссертатсияи мазкур ба таҳқиқ ва пажуҳиши ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар асоси асари «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ бахшида шудааст

Дар нимаи дуюми қарни пешина масоили таҳқиқ ва омӯзиши ҷумлаҳои мураккаб дар забонҳои гуногуннизом диққати махсуси қисми зиёди забоншиносон ва типологҳоро ба худ ҷалб намуд. Ҳаминро бояд тазаккур дод, ки муаммои мазкур яке аз масъалаҳои норавшанӣ бахши наҳв буда, ҳоло ҳам ба пажуҳишоти амиқ ниёз дорад, ки дар он ҷойи муҳимму асосиро масъалаи ҷумлаҳои мураккаб чун воҳиди махсуси наҳвӣ ва алоқаи мавҷудбудаи байни ҷузъҳои он ишғол менамояд.

Илми забоншиносии тоҷик дар ду даҳсолаи охир ҳам аз лиҳози проблематика (масъалагузорӣ) ва ҳам аз диди баррасии масъалаҳо сифатан тағйир ёфтааст. Ин ҳодиса аз ибтидои давраи нав дар таърихи забоншиносии мо гувоҳӣ медиҳад. Агар дар давраҳои пешина диққати забоншиносонро бештар масъалаҳои алоҳидаи шохаҳои гуногуни забони адабӣ ҷалб карда бошанд, имрӯз забоншиносон ба таҳқиқи масъалаҳои фундаменталию назарӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда истодаанд. Методи таҳқиқот низ такмил ёфтааст. Маҳз дар ҳамин давра ба вуҷуд омадани чанд асари ҷамъбасткунандаи соҳаи забоншиносӣ далели фикр аст. Ин асарҳо, аз як тараф, барои назарияи забон маводи фаровону муфид диҳанд, аз тарафи дигар, ба таълифи грамматикаҳои гуногун ва нашри дастурҳои таълимӣ мусоидат мекунанд.

Аз ин лиҳоз, мавзуе, ки муҳаққиқ Ҳакимзода Файзали Исматулло ба риштаи таҳқиқ кашидааст, хеле мубрам буда, масъалаҳои марбута мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифтаанд.

Диссертатсияи мавриди назар аз муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи мавриди таҳқиқ асоснок гардида, дараҷаи таҳқиқи он ҳам дар забоншиносии ватанӣ ва ҳам забоншиносии хориҷӣ ҳаматарафа нишон дода шудааст. Ҳамчунин,

мақсад ва вазифаҳои пажуҳиш, навгонӣ ва усулҳои таҳқиқ муайян ва мушаххас карда шудаанд.

Дар асоси муҳиммияти мавзуъ, ҳамчунин мақсад ва ҳадафҳои таҳқиқ, ки муҳаққиқ дар кори худ муайян ва пешниҳод мекунад, навгонии диссертатсия муайян карда шудааст. Диссертатсияи мазкур тибқи мақсад ва вазифаҳои пешгузошта навишта шуда, ба талаботҳои навишти рисолаҳои илмӣ посухгӯ мебошад.

Боби якуми диссертатсия оид ба ***«Асосҳои назариявии таҳқиқи ҷумлаҳои пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»*** номгузорӣ шуда, муаллиф дар ин боби рисола бештар фикру андешаҳои забоншиносонро перомуни мафҳуми «ҷумлаи пайрави пуркунанда» ва «ҷумла» мавриди баррасӣ қарор додааст.

Боби дуюми диссертатсия перомуни ***«Хусусиятҳои типологии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ»*** унвон дошта, муаллифи он масоили марбутаро дар асоси асари «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ дар такя ба мисолҳои муътамад ва таҳлилу баррасии амиқ дар забонҳои муқоисашаванда ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Ҳамин тавр, аз тарафи муҳаққиқ Ҳакимзода Файзали Исматулло дар робита ба таҳқиқи ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ кори зиёд анҷом дода шудааст, ки тиҳигиҳои мавҷударо пурра менамояд. Ҷанбаҳои асосӣ ва хулосаҳои кор мумкин аст, ҳамчун манбаъ барои таълими грамматикаи забони англисӣ, омӯзиши таърихи ташаккул ва таҳаввули он ва таҳқиқи минбаъда дар ин замина истифода шаванд.

Бояд гуфт, ки ҳар боб ва зербобҳои диссертатсия бо натиҷагириҳо ва тавсияҳои муҳаққиқ Ҳакимзода Файзали Исматулло ҷамъбаст шудаанд.

Маврид ба зикр аст, ки диссертатсия аз нигоҳи сохтор, мазмун ва мундариҷа хуб омода карда шудааст ва ҷавобгӯ ба талаботҳои мавҷуда мебошад.

Дар баробари дастовардҳои муҳимми зикршуда таҳқиқоти мазкур аз камбудиву норасоиҳо низ орӣ нест, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи мавзуи таҳқиқнамудаи муҳаққиқ Ҳакимзода Файзали Исматулло хеле муфиданд, аз ҷумла:

1. Дар раванди ҷамъоварии мавзуи мазкур аз сарчашмаҳои зиёде иқтобос овардааст, хуб мешуд ки ҳар як мафҳуми марбутаро муаллиф бо вомҳои таърихиашон нишон медод.
2. Агар муҳаққиқ дар заминаи таҳқиқи мавзуи мазкур ба сарчашмаҳои таърихӣ ва қомусномаҳои дигар муаллифон ва забоншиносон назар меафкананд, ин кор хело хуб мешуд.

3. Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсияи мазкур ғалатҳои услубиву имлоӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд (с. 9, 10, 16 ва ғ.).

Дар умум, норасоиҳои зикршуда ба ҳеҷ ваҷҳ аҳаммияти таҳқиқоти анҷомдодашударо халалдор намесозанд, зеро аксари онҳо ислоҳпазиранд ва ба мазмуну муҳтавои диссертатсияи таҳқиқнамудаи муҳаққиқ таъсири ҷиддӣ намерасонанд, балки иштибоҳоти ҷузъӣ мебошанд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Ҳакимзода Файзали Исматулло дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаи пайрави пуркунанда дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси асари «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, посухгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор мебошад.

Муқарриз, ректори Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе, доктори илмҳои филологӣ, профессор

Мухторов Зайниддин Мухторович

**Суроға**:
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носир 33
тел: +992) 907801822
E-mail: mukhtorov67@gmail.com
Сомонаи расмӣ: mdis.edu.tj

«13» феврал 2025